«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода К.Х.
_____
«2» _____ соли 2022.

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Асоева Б.Ҷ. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии асари «Зафарномаи хусравӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Асоева Бунафша Ҷумъаевна соли 2001 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, солҳои 2001-2002 дар кафедраи иҷтимоиёт ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии политехникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ (ҳоло ДДТТ ба номи М. Осимӣ) ба ҳайси омӯзгор ва аз соли 2002 то ба имрӯз ба сифати омӯзгори калон дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомидов Дилмурод Рачабович мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 24. 02. 2012 бо қарори №6 тасдиқ карда шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Асоева Б. Ҷ. дар мавзӯи «Вижагиҳои луғавию сарфии асари «Зафарномаи хусравӣ»» дар ҷаласаи кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз аз 25-уми майи соли 2022, суратҷаласаи №13 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология Гадоев Нурхон ва номзади илми филология, дотсент

Қурбонов Содиқ муҳокима гардид. Аз маърузаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Забони осори мансуру манзуми нависандагону шоирони нимаи дувуми қарни XIX ва оғози садаи XX то қадри имкон ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, вале вижагиҳои забону услуби баёни осори таърихии ин давр, аз ҷумла **«Зафарномаи хусравӣ»,** бидуни баъзе қайду ишораҳо дар як қатор рисолаҳои илмии ба таъриху фарҳанг ва адабиёт бахшидашуда ҳанӯз ҷиддӣ омӯхта нашудааст. Аз ин дидгоҳ низ таҳқиқи забони асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Таҳлили асари мазкур барои равнақу ривоҷи забони имрӯза омӯхтани таърихи осори хаттӣ, чи назмӣ ва чи насрӣ, басе муҳим аст. Мусаллам аст, ки давраҳои инкишофи ҳамаи забонҳо бо ҳам алоқаманданд, аммо он гуна пайванде, ки байни давраи нави рушди забони форсии дарии тоҷикӣ, ки ба забони салтанати Сомониён рост меояд ва марҳилаҳои баъдии таҳаввули он мушоҳида мегардад, ба назари аҳли таҳқиқ, хусусан алоқамандони таърихи забон ва адабиёт, дар миёни забонҳои дунё эҳсос намешавад. Ҳамин иртибот бо давраи фаъолияти муаллифи «Зафарномаи хусравӣ», охири асри XIX ва ибтидои асри XX, низ вуҷуд дорад.

Таҳқиқи густардаи ҳамин гуна тағйирот ва таҳаввулот дар асоси маводи забони асари «Зафарномаи хусравӣ» ба он таваҷҷуҳ шудааст, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми забоншиносист.

Аз ин ҷост, ки таҳқиқи вижагиҳои луғавӣ ва морфологии забони «Зафарномаи хусравӣ» хеле ҷолиб аст ва дар забоншиносӣ нишон додани вижагиҳои забонии ин давр айни муддаост.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ. Мусаллам аст, ки забони адабии тоҷики охири қарнҳои XIX ва ибтидои асри XX дар инкишофи забони адабии тоҷикӣ мақому манзалати хосеро касб менамояд ва ин давр як навъ давраи гузариш аз забони адабиёти классикии тоҷикӣ ба марҳилаи нав-забони адабии муосири тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Омӯзишу таҳлил ва таҳқиқи ин асари таърихӣ дар мавриди муайян сохтани вижагиҳои луғавӣ, корбурди вожаву таркибҳои иқтибосӣ, услуби нигориш хеле муҳим аст ва тасмим гирифта шуд, ки барои ҳаллу фасли онҳо вазифаҳои зер ба назар гирифта шаванд:

-Дараҷаи корбасти унсурҳои луғавӣ, чун муродифот, вожаҳои муқобил маъно, вожаҳои ҳамшакл ва сермаъно дар «Зафарномаи хусравӣ»;

-Муайян кардани дараҷаи корбасти воҳидҳои фразеологӣ дар асар;

-Нишон додани дараҷаи корбасти вожаҳои иқтибосии арабӣ, ғайриарабӣ ва истилоҳот дар асар;

- Муайян кардани мавқеи истилоҳоти илмӣ дар «Зафарномаи хусравӣ»;

-Нишон додани дараҷаи корбурди таъбироту ифодаҳои куръонӣ, ҳадисҳо ва вижагиҳои забонии онҳо дар асар;

-Муайян кардани дараҷаи корбурди унсурҳои луғавии забони ин асари таърихӣ;

-Муайян кардани дараҷаи корбурди вожаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-узбекӣ ва омехта;

-Муайян кардани нақши ин асари таърихӣ дар рушди забони адабии тоҷики ибтидои асри XX;

-Нишон додани дараҷа ва мавридҳои корбасти унсурҳои забони гуфтугӯӣ ва гӯйишҳои маҳаллӣ дар асар.

Навгонии илмии таҳқиқ. Навоварии диссертатсия дар он таҷассум меёбад, ки бори нахуст вижагиҳои забонии ин асари таърихӣ, ки дар нимаи дувуми асри XIX таълиф гардидааст, аз нигоҳи хусусиятҳои луғавӣ, семантикӣ, сарфӣ ва сабки баён мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин корбасти истилоҳоти илмӣ, адабию таърихӣ ва истифодаи ифодаҳои маҷозӣ, таркибу ифодаҳои хосса дар он мавриди таҳлил қарор мегирад.

Таҳқиқӣ диссертатсионии мазкур аз ҷиҳати масъалагузориҳо, мавзуи интихобшуда, метод ва равишҳои таҳқиқ ва натиҷагириҳо аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Арзиши назариии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгуни таърихи забони адабии тоҷик, такомули таркиби луғавии он дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX барои забоншиносон, донишҷӯён ва дигар алоқамандони забони тоҷикӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Арзиши амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки аз маводи диссертатсия, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар аснои навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи таркиби луғавии забони адабии тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ, асарҳои илмӣ перомуни таърихи забони адабии тоҷики асрҳои XIX-XX, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултаҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ метавон самаранок истифода намуд.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Асоева Бунафша Ҷумъаевнаро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Асоева Б.Ҷ. дар мавзӯи «Вижагиҳои луғавию сарфии асари «Зафарномаи хусравӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология Гадоев Нурхон ва номзади илми филология, дотсент Қурбонов Содиқ онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 21 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 21 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 11 аз 30. 06. 2022.

Раиси шурои олимон,
доктори илми филология,
профессор Сироҷиддини Эмомалӣ.

Муқарризони холис:
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
факултети филологияи тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Гадоев Нурхон

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими
забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қурбонов С. Ҳ.

Котиби илмии шуро, дотсент Мавлонзода Ш.

Имзоҳои С. Эмомалӣ, Қурбонов С. Ҳ. ва
Ш. Мавлонзодаро «тасдиқ мекунам»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавкиев Э. Ш.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«2» 07 соли 2022

Имзои Гадоев Нурхонро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: (+992-37) 224-13-83; (+992) 917-16-07-91
E-mail: ddot@ddot.tj

«30» 06 соли 2022.